## ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи “Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ. – Душанбе, 2025, 55 саҳ.**

Ривоятҳо яке аз қадимтарин навъҳои насри шифоҳии мардумӣ буда, ин намуди жанр аз давраҳои қадим дар байни мардуми куҳантаърихи тоҷик мақоми хоссае дорад ва то ба имрӯз маъмул мебошад. Як анъанаи хуби мардуми Кӯҳистони Бадахшон ин аст, ки калонсолони ин манотиқ бо хотираи тоза ба тоза, ки аз гузаштагон шунидаанд, нақлку ривоятҳоро барои тарбия ва худшиносии миллӣ дар ҳолати фориғ ба насли минбаъда нақл менамоянд.

Олимони соҳаи фолклоршиносӣ масъалаҳои ба ин соҳа тааллуқдоштаро як ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллии мардумӣ ҳисобида, дар тӯли таърих ба омӯзиш ва таҳқиқ мепардохтанд ва бояд қайд кард, ки тавлиду инкишоф, тағйирёбӣ ва устувории фолклор дар чаҳорчӯбаи анъана ба вуҷуд меояд ва он аз хусусияти барҷастаи фолклор ба шумор меравад. Масъалаи омӯзиши хусусиятҳои жанрии ривоят ва ҳудуди муайян гузоштан байни жанрҳои дигари насри шифоҳӣ дар асоси назарияҳои муҳаққиқони фолклор ба таври махсус таъкид гашта, ҳамзамон, арзиши баланди таърихию фарҳангӣ доштани ривоятҳо ва инъикос намудани ҷанбаҳои гуногуни ҳаёту рӯзгор ва афкори маънавию фарҳангии мардумро аз ҷониби муаллифи рисола баррасӣ шудааст.

Аз таҳлили фишурдаи диссертатсия маълум аст, ки рисола аз муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи гӯяндаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия ҳама бандҳои муқарририро шомил буда, дар он муаллиф мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯхташавии он, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии

таҳқикро равшан гардонида, муқаррароти асосии барои дифоъ пешниҳодшаванда нишон дода шудаанд.

Унвонҷӯ дар боби аввали рисоал, ки “Ривоят ҳамчун жанри фолклорӣ ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ” ном дошта, аз се зербоб иборат аст, барои муайян сохтани хусусиятҳои жанрии ривоят тавассути таҳлили ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон ва зимни ин таҳлилҳо равшан намудани баъзе масъалаҳои ҳалталаби ривоятҳоро ба риштаи таҳқиқ кашида, масъалаҳои мансуб ба єохтор ва мавзуъҳои ривоятҳо бо мисолҳо ва таҳлилҳои мушаххас ҳаллу фасл намудааст.

Дар боби дуюм – “Баррасии ривоятҳои мардуми Бадахшон”, ки аз чор зербоб таркиб ёфтааст, унвонҷӯ ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшонро аз лиҳози мазмуну мундариҷа бо ривоятҳои манотиқи дигари Тоҷикистон ва инчунин бо ривоятҳои дигар халқиятҳо, махсусан, мардумони кишварҳои ҳамҷавор, ки сокинони ин сарзамин бо онҳо аз давраҳои қадим иртиботи маданиву фарҳангӣ дошта, ҳамранг ҳастанд, муфассал таҳлил намудааст.

Боби сеюм “Инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар ривоятҳои мардуми Бадахшон” унвон дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Муаллиф хусусияти таърихӣ доштани ривоятҳо ва аз тарафи муаррихону мардумшиносон истифода шудани ривоятро ҳамчун санаду манбаъҳои таърихӣ маълумот дода, таъйин кардани хусусиятҳои бисёри таърихӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, ақидаву ҷаҳонбинӣ, бовару эътиқод, майлу хоҳиш, нияту матлаб ва масъалаҳои дигари марбут ба тахайюлоти мардум, ки ҳамчун манбаъ ва маъхази муътамад хизмат мекунанд дар ин қисмати кор баррасӣ намудааст.

Таҳлилҳои унвонҷӯ нишон медиҳанд, ки ӯ доир ба мавзуъ, дараҷаи омӯзиши ва пажуҳиши он маълумотҳои донишмандони варзидаи ватаниву хориҷиро ба монанди С. Н. Азбелев, Н. А. Криничная, Ҷ. Коккяра, В. Я. Пропп, В. К. Соколова, А. З. Розенфелд ва Н. П. Ричкова, А. Н. Болдирев, В. Асрорӣ, Р. Амонов, Ҳ. Раҳматов, Х. Шарифов, Р. Аҳмадов, Б. Шермуҳаммадов, Б. Тилавов, Ф. Муродов, Д. Обидов, Ю. Салимов, Г Ризвоншоева, Н. Қурбонхонова ва дигарон истифода шудаанд.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд дар фишурда баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ишораи баъзе аз онҳоро зарур донистем.

1. Яке аз сарчашмаҳои забони халқ ибораҳои рехта ё фразеология мебошад, ки бо фарҳанги мардум ва эҷодиёти лафзӣ робитаи зич доранд. Хуб

мешуд, агар ба тариқи замима луғати ибораҳои рехта, ки аз ҷониби гӯяндаҳо дар ривоятҳо истифода шудаанд, дар охири таҳқиқот ҷой дода мешуд.

2. Дар баробари дигар унсурҳои фарҳангӣ ва таърихии ривоятҳо номи қаҳрамонони ривоятҳои халқӣ бояд мавриди таҳлил қарор дода мешуданд.

3. Ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ дар фишурдаи рисола ба назар мерасанд.

Дар ин росто, камбудию норасоиҳои зикршуда, ки бештар ҷанбаи таҳририӣ доранд, моҳияти илмии тадқиқоти аз ҷониби Шакармамадов О. Н. ба анҷом расидаро халалдор намесозанд.

Ҳамин тариқ, баъди аз назар гузаронидани фишурдаи рисола метавон ба чунин хулоса омад, ки натиҷагириҳои кори илммии унвонҷӯ пурра анҷомёфта буда, дорои ҷанбаҳои муҳимми илмию амалӣ мебошад ва барои дар оянда таҳқиқ намудани масоили соҳаи фолклоршиносӣ дар шароити кишвари мо заминаи хубе гузошта метавонад ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ тавсия карда мешавад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими кафедраи таърих ва
фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Раҳматуллоева Г. А.

Нишонӣ: 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
E-mail: gul.rakhmatulloeva@gmail.com
Тел.: (+992) 938691410

Имзои Раҳматуллоева Г. А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш. Н.

«14» марти соли 2025